ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-118-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсияи Асомиддинзода Шарофиддин таҳти унвони "Шакл, муҳтаво, мавзуъ ва хусусиятҳои бадеии ашъори Воқифи Лоҳурӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ

Бо вуҷуди он ки дар адабиётшиносии тоҷик то имрӯз оид ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Воқифи Лоҳурӣ як қатор мақолаҳои илмӣ, муқаддимаҳо ва дебочаҳо ба табъ расидаанд, таҳлили маводи мавҷуда нишон медиҳад, ки онҳо асосан хусусияти ҷузъӣ дошта, дар доираи масъалаҳои алоҳида ва маҳдуди илмӣ таҳия гардидаанд. Аз ин рӯ, дар таҳқиқоти қаблӣ паҳлуҳои гуногуни фаъолияти адабӣ, хусусиятҳои эҷодӣ ва ҳунарии шоир ба таври фарогир ва мураттабан мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд. Бо назардошти аҳаммияти илмии масъала ва мавҷуд будани ҷанбаҳои осори Воқифи Лоҳурӣ, ки то имрӯз ё ба таври кофӣ таҳқиқ нашудаанд ва ё мавриди омӯзиши амиқ қарор нагирифтаанд, интихоби мавзуи диссертатсия мубрам ва асоснок ба назар мерасад. Баррасии ҳамаҷонибаи мавзуъ имкон фароҳам овардааст, ки хусусиятҳои муҳимми эҷодиёти шоир аз нигоҳи адабиётшиносӣ таҳлил гардида, дар заминаи омӯзиши мероси адабии ӯ як қатор натиҷаҳои нави илмӣ ба даст оварда шаванд.

Диссертатсияи Асомиддинзода Шарофиддин дар мавзуи «Шакл, муҳтаво, мавзуъ ва хусусиятҳои бадеии ашъори Воқифи Лоҳурӣ» аз муқаддима, панҷ боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ иборат буда, аз ҷиҳати сохтор ва муҳтавои илмӣ ба талаботи муқаррарагардида барои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Мазмун ва самтҳои асосии таҳқиқот ба доираи масъалаҳои илмии шиносномаи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мутобиқ буда, бахусус ба бандҳои 8 ва 9-и шиносномаи ихтисоси мазкур комилан мувофиқат менамояд. Мавзуъ, ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети омӯзиш, инчунин натиҷаҳои бадастомада бо самтҳои асосии таҳқиқоти адабиётшиносии тоҷик ҳамоҳанг буда, ба талаботи ихтисоси зикршуда ҷавобгӯ мебошанд.

Навгонии илмии диссертатсия, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки дар адабиётшиносии тоҷик бори нахуст зиндагинома ва мероси адабии Воқифи Лоҳурӣ ба таври ҳамаҷониба ва муназзам мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар раванди таҳқиқ теъдод, сохтор, хусусиятҳои шакливу мазмунӣ ва жанрии осори шоир, ки дар ду девони ӯ фароҳам омадаанд, муайян ва аз нигоҳи илмӣ таҳлил гардидаанд. Ҳамзамон, муаллифи диссертатсия бори нахуст жанрҳои ғазал, рубоӣ, маснавӣ, мухаммас ва

тарҷеъбандро дар эҷодиёти Воқифи Лоҳурӣ ба таври ҳамаҷониба баррасӣ намуда, хусусиятҳои сохторӣ, мазмунӣ ва ҳунарии онҳоро муайян кардааст. Таҳлили мазкур имкон медиҳад, ки вижагиҳои эҷодии шоир, мавқеи жанрҳои гуногун дар мероси адабии ӯ ва хусусиятҳои истифодаи воситаҳои бадеӣ дақиқтар муайян карда шаванд. Бинобар ин, натиҷаҳои бадастомада барои такмили тасаввуроти илмӣ оид ба ҳаёт ва фаъолияти адабии Воқифи Лоҳурӣ ва омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик аҳаммияти муайяни илмӣ доранд.

Саҳми шахсии довталаб дар интихоби мавзуи таҳқиқот, муайян намудани ҳадафу вазифаҳои он, ҷамъоварӣ, таснифи ва таҳлили мустақилонаи маводи илмӣ, инчунин муқоиса ва истифодаи сарчашмаҳои муътамад равшан зоҳир мегардад. Унвонҷӯй дар раванди таҳқиқ матнҳои ашъори Воқифи Лоҳуриро аз ду девони шоир интихоб, ҷамъоварӣ ва мавриди омӯзиши илмӣ қарор додааст. Ҳамчунин, таҳлили маводи ҷамъовардашуда, муайян намудани хусусиятҳои шакливу мазмунӣ ва жанрии осори шоир, муқоисаи натиҷаҳои бадастомада бо маълумоти сарчашмаҳои илмӣ ва таҳияи хулосаҳои асосии таҳқиқот мустақилона анҷом дода шудаанд. Натиҷаҳои асосии диссертатсия маҳсули пажуҳиши фардии унвонҷӯй буда, саҳми мустақими ӯро дар таҳқиқи мероси адабии Воқифи Лоҳурӣ инъикос менамоянд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар маърӯзаҳои илмӣ ва ҳамоишҳои байналмилаливу ҷумҳуриявии илмӣ пешниҳод гардида, натиҷаҳои бадастомада ва хулосаҳои асосии диссертатсия дар маҷмуъ дар 1 монография ва 21 мақолаи илмӣ ба нашр расидаанд. Маводи интишоршуда масъалаҳои асосии таҳқиқотро фаро гирифта, натиҷаҳои илмии бадастомада ва хулосаҳои муаллифро ба доираи аҳли илм ва муҳаққиқони соҳа пешниҳод менамоянд. Автореферати диссертатсия (гунаи тоҷикӣ ва русӣ) мазмуну муҳтавои асосии таҳқиқотро ба таври мукаммал инъикос намуда, ҳадафу вазифаҳои таҳқиқ, натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва навгониҳои илмии бадастомадаро дар шакли мухтасар ва возеҳ фаро мегирад. Муқаррароти асосии дар автореферат пешниҳодшуда бо мазмун ва натиҷаҳои диссертатсия мутобиқат дошта, тасаввуроти кофӣ дар бораи моҳият, самтҳои асосӣ ва натиҷаҳои илмии таҳқиқот фароҳам меоранд. Дар диссертатсияи Шарофиддин Асомиддинзода ҳолатҳои истифодаи маводи илмӣ ва иқтибосҳо бидуни ишора ба муаллиф ё сарчашма ба назар намерасанд. Таҳлили муҳтавои диссертатсия нишон медиҳад, ки маводи истифодашуда бо риояи талаботи дахлдори истиноддиҳӣ ва нишон додани манбаъҳо пешниҳод гардидааст. Ин ҳолат аз риояи талаботи банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ шаҳодат медиҳад.

Диссертатсияи мазкур ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, пурра мутобиқат менамояд. Таҳқиқот аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шуда, бо сохтори муназзам, мазмуни ягона ва мантиқи дохилии пайваста фарқ мекунад. Мундариҷаи диссертатсия ба ҳадафу вазифаҳои муайянгардидаи таҳқиқот мутобиқ буда, натиҷаҳои илмии пешниҳодшуда маҳсули таҳқиқоти мустақилонаи муаллиф мебошанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи сарчашмаҳои муътамад, таҳлили илмии маводи адабӣ, дурустии маълумоти пешниҳодшуда, фарогирии кофии маводи таҳқиқ ва натиҷаҳои дар диссертатсия ва мақолаҳои илмии муаллиф инъикосёфта таъмин мегардад. Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда бар натиҷаҳои таҳлили илмии маводи назариявӣ ва амалии таҳқиқ асос ёфта, бо мазмун ва ҳадафҳои диссертатсия мутобиқати мантиқӣ доранд.

Вобаста ба натиҷаҳои баррасӣ ва арзёбии ҳамаҷонибаи диссертатсия Комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Асомиддинзода Шарофиддин дар мавзуи «Шакл, муҳтаво, мавзуъ ва хусусиятҳои бадеии ашъори Воқифи Лоҳурӣ» аз ҷиҳати мазмун, сохтор, сатҳи таҳқиқи илмӣ, навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои бадастомада ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсия ҳамчун таҳқиқоти мустақилонаи илмӣ масъалаҳои муҳими адабиётшиносии тоҷикро фаро гирифта, дорои натиҷаҳои илмии назаррас ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми муаллифро дар омӯзиши ҳамаҷонибаи мероси адабӣ ва хусусиятҳои бадеии ашъори Воқифи Лоҳурӣ собит менамоянд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, Комиссияи экспертӣ ба хулосае меояд, ки диссертатсияи Асомиддинзода Шарофиддин дар мавзуи «Шакл, муҳтаво, мавзуъ ва хусусиятҳои бадеии ашъори Воқифи Лоҳурӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ пешниҳод карда шавад.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи доктории Асомиддинзода Шарофиддин дар мавзуи «Шакл, муҳтаво, мавзуъ ва хусусиятҳои бадеии ашъори Воқифи Лоҳурӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-118-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии

Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2.Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон бо ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- Суфизода Шодимуҳаммад Зикриёпур - доктори илми филология, директори Китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Гандии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;
- Нурзод Нуралӣ Нор - доктори илми филология, профессор, директори институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров";
- Асозода Ҳотам Раҷаб, доктори илми филология, профессор, директори генералии Муассисаи давлатии "Муҷтамаи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Кӯлоб".

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ичозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда ичозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ — Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ — Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло

доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ — Ҳошимова Хуршеда Абдуманноновна

«15» 10 соли 2026.

Имзоҳои Ш.Р.Исрофилниё, Ш.Ҳ. Ғаффорзода ва Х.А. Ҳошимоваро тасдиқ менамоям:

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Сардори раёсати кадрҳо корҳои махсуси ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода — Сиҷоатова Мунира Ғайратовна